# ХУЛОСАИ

## комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-035 дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсияи номзадии унвонҷӯ Алимардонов Бобохон Маҳмадиевич дар мавзӯи«Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 –Таърихи ватанӣ)

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати узви шуро, д.и.т. С.Ғ. Бобомуллоев, узви шуро, д.и.т. Додхудоева Л.Н, узви шуро, д.и.т. Раҳимов Н.Б. бо таҳқиқоти диссертатсионии Алимардонов Бобохон Маҳмадиевич дар мавзӯи «Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 –Таърихи ватанӣ) шинос шуда, хулосаи зеринро пешниҳод мекунад.

Рисолаи номзадии Алимардонов Бобохон Маҳмадиевич «Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI)», ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст, таҳқиқоти мустақилона ва комил буда, ба талаботи таъйиншуда нисбат ба рисолаҳои номзадӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мувофиқ аст. Дар рисолаи мазкур масоили омӯзиши маҷмӯии таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон дар асоси ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва адабиёти мавҷуда мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Алимардонов Бобохон Маҳмадиевич воқеан ба масъалаи бисёр муҳимми таърихи халқи тоҷик бахшида шуда, дар кафедраи таърихи умумӣ ва ватании Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон омода гардидааст.

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки масоили электрикунонидани ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон дар тули тамоми солҳои асри XX - ибтидои асри XXI дар назди ҳукумати Тоҷикистони Шуравӣ ва баъдан ҳукумати Тоҷикистони соҳибистиқлолу соҳибихтиёр мавқеи хоса дошт. Сабаби асосӣ дар он буд, ки ноҳияҳои ин минтақа мавзеи муҳофизатӣ-марзӣ бо Давлати Исломии Афғонистон маҳсуб меёфтанд. Аз ин рӯ, рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаҳои наздимарзӣ тахти назорати махсуси хукумати кишвар қарор гирифта буданд. Бо дарназардошти ин омил ҳанӯз дар ибтидои солҳои Ҳукумати Шуравӣ аввалин роҳҳои мумфарш маҳз дар ин минтақа бунёд ёфта, нахустин чароғҳои барқӣ фурузон гардиданд.

Дар замони Шуравӣ, масоили электрикунонӣ асоси пешрафти тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи ҷумҳурии тозабунёди Шуравӣ Сотсиалистии Тоҷикистон бошад, аз ҷониби дигар ба Ҳокимияти Шуравӣ лозим буд, ки бартарии низоми сиёсии худро нисбат ба давлати Афғонистони нишон

диҳад. Дар даврони истиқлолият бошад масъалаи электрокунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқӣ аҳаммияти бештарро касб менамояд. Зеро тараққиёти иқтисодӣ аҳоли ва мадании вилоят тавассути электрикунонӣ нерӯи асосии истеҳсолкунанда ва созанда ҷиҳати рушду ободонии минтақа маҳсуб меёбад. Дар шароити имӯрзаи соҳибистиқлолии кишвар саҳми энергетикаи тамоми колхозу савхозҳои ноҳияҳои ҷанубу шарқи пурра метавонад, ҳосили ҷамовардаи худро дар корхонаҳои саноати ноҳияи худ, бо қувваи барқ, ки фаолият мекунанд саривақт истеҳсол кунад ва ба бозори дохили кишвар ва берун аз он ворид намоянд

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар омӯзиши маводҳои бойгони ҷорӣ, коркрди илмӣ ва таҳлили маводи нав ва асарҳои зёди илмӣ, ки роҷеъ ба таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу-шарқи вилояти Хатлон, ки дар даврони шуравӣ ва даврони соҳибистиқлоли рӯйи кор омадаанд, ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ, ба монанди таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Муалиф таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар давраи Шуравӣ ва даврони истиқлол мавриди баррасию таҳлил қарор дода, дар тадқиқи он саҳми худро гузоштааст. Хулоса муалиф пешниҳоди илмро бадаст оварда доир ба масалаи электикунонии ноҳияҳои ҷанубу-шарқии Тоҷикистон дар конфренсаҳои илмӣ –амалии ҷумҳурявӣ ва таълифи мақолаҳои илмӣ зоҳир мегардад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Ҳадафи асосии таҳқиқот омӯзиши маҷмӯаи таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон, дар даврони шуравӣ ва даврони истиқлолият муайян намудани дараҷаи таъсири он ба рушди қувваҳои истеҳсолкунанда, тараққиёти истеҳсолот, таҳаввулоти фарҳангӣ-маишӣ дар ҳаёти аҳолии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон маҳсуб меёт.

Ҳангоми омӯзиш ва таҳлили маводи мавзӯи интихобшуда аспирант дар назди худ вазифаҳои зеринро гузоштааст:

-таҳияи манзараи воқеии захираҳои обӣ-энергетикии минтақаи мазкур;

-ошкор сохтани захираҳои обӣ-энергетикии минтақа;

-муайян намудани ҳолати равандҳои истифодаи қувваи барқ дар истеҳсолоти иқтисоди-иҷтимоии ноҳияҳои ҷанубу шарқи ;

- баррасии дастовардҳои нерӯи барқ дар равандҳои меҳнатталаби хоҷагии қишлоқи ноҳияҳои ҷанубу шарқӣ;

- аҳаммияти таърихии нерӯи барқ дар дигаргунсозии ҳаёти мадании аҳолии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон;

- захираҳои сӯзишворӣ-энергетикии Тоҷикистон барои таъминоти мунтазами аҳолии минтақаҳои кишвар бо шабакаи барқӣ;

- бо далелҳои илми асоснок намудани дурнамо ва рушди соҳаи энергетикӣ ва электрикунонии минтақаҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон;

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки барои таҳлил ва ба таври эътимоднок аниқ кардани нуқтаҳои электрикунонидани ноҳияҳои ҷанубӣ-шарқӣ, бори аввал маводҳо аз бойгониҳо, нашрияҳои илмии

монографӣ, маводҳои оморӣ ва матбуоти даврӣ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

Илова бар ин, навгониҳои таҳқиқот дар нуктаҳои зерин зоҳир мегарданд:

- захираҳои иловагии ҳосил кардани неруи барқ ба истисно аз сарватҳои обии Тоҷикистон;

- истифодабарии нерӯи барқ аз тарафи хоҷагии қишлоқ ва аҳолии ноҳияҳои сарҳадии барои эҳтиёҷоти истеҳсоли маҳсулоти кишоварзи дар корхонаҳои алоҳидаи саноатӣ, маданӣ ва маишии аҳолии қишлоқ муайян карда шудааст;

- нерӯи барқ дар беҳтарсозии ҳаёти мадании аҳолии Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳми бе андозае дорад, ки инъикос гардидааст;

- бартарии ташкил намудани комплекси сӯзишворӣ-энергетикии Тоҷикистон ва аҳаммияти он барои таъминоти мунтазами ҳамаи минтақаҳои кишвар бо шабакаи барқӣ асоснок карда шудааст;

- аҳаммияти байналхалқии сиёсати Иттиҳоди Шуравӣ дар бобати электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқи муайян гардидааст;

- бунёд намудани нерӯгоҳҳои нави барқии хурд, миёна ва калон дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон муайян шудаанд;

- дурнамой ва рушди захираҳои энергетикӣ ва электрикунонии минтақаҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон илман асоснокии худро исбот кардааст;

**Аҳаммияти амалиявии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки маводҳои тадқиқоти мазкурро метавон ҷиҳати лоиҳасозии масоили мухталифи таърихи халқи тоҷик, таърихи хоҷагии халқ, маданият ва энергетикаи вилояти Хатлон, дар тадқиқоти иловагии таърих ва фарҳанги минтақаҳо ва ноҳияҳои мухталифи кишвар, дар гузаронидани таърихи энергетикии кишвар ва ҳаёти мадании халқӣ тоҷик, дар барқарорсозӣ ба масъалаҳои аз ёд рафтаи сиёсати ҳокимияти Шуравӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва пешрафти мадании ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон истифода намуд. Илова бар ин, маводҳои тадқиқоти мазкурро зимни нишон додани ҳаҷми пурраи ташаккулёбии комплекси обӣ-энергетикии Тоҷикистон, дар асоси дурнамои азхудкунии захираҳои сузишворӣ-энергетикии кишвар ошкор намудани имкониятҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва пешрафти мадании Тоҷикистон, дар навиштани корҳои алоҳида, брошюраҳо ва мақолаҳо мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

Мазмуни асосии рисола дар мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои илмии ба феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти ҶТ шомилбуда ба табъ расидаанд, таҷассум ёфтааст.

Рисолаи номзадии Алимардонов Бобохон Маҳмадиевич «Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI)» аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифати иҷроиш ба талаботи муқаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳои номзадӣ мувофиқ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мутобиқ ба ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 –Таърихи ватанӣ) тавсия карда мешавад.

**Вобаста ба масъалаҳои зикршуда комиссия ба чунин қарор омад:**

1.Рисолаи номзадии аспирант Алимардонов Бобохон Маҳмадиевич «Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 –Таърихи ватанӣ) тавсия дода шавад.

**2.Ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод шаванд:**

**А) Ҳамидзода Фурқат Муқим** – доктори илмҳои таърих, прафессор, мудири кафедраи таърих ва диншиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

Б) **Раҳимов Файзиддин Дониёрович –** номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърихи нав ва навини кишварҳои хориҷии Донишгоҳи миллӣ Тоҷикистон.

3. **Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллои Рӯдакӣ** ба ҳайси муассисаи пешбар таъйин карда шавад.

**4.** Ба нашри автореферати диссертатсия ба миқдори 100 нусха иҷозат дода шавад.

**5.**Барои ҷойгир кардани эълони ҳимояи диссертатсия дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сомонаи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
**доктори илмҳои таърих** — **Бобомуллоев С.Ғ.**

**Узви комиссияи экспертӣ:**

**доктори илмҳои таърих** — **Додхудоева Л.Н.**

**доктори илмҳои таърих** — **Раҳимов Н.Т.**

*Имзоҳои Бобомуллоев С.Ғ., Додхудоева Л.Н., Раҳимов Н.Т.,-ро тасдиқ мекунам*

**Нозири калони шуъбаи кадрҳои**
**Институти таърих, бостоншиносӣ**
**ва мардумшиносии ба номи**
**А. Дониши АМИТ** — **Файзуллоева Г.Қ**

«15» 04 2024

ШУЪБАИ КАДРҲО